«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
________________ Қурбонзода М.Р.
«____» ______________ 2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Мамадкулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих).

Таҳқиқоти диссертатсионии Мамадкулова Рано Олимовна «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисос мутобиқат дошта, ба яке аз самтҳои афзалиятноки таърихнигории кишвар дахл дорад. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи марбутаи муассисаи асосӣ баррасӣ ва баҳои мусбат гирифтааст.

Мавзуи таҳқиқот оид ба таърихи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият аз нигоҳи мазмун ва муҳтаво басо муҳим ва ҷавобгӯ ба ниёзҳои илмӣ мебошад. Он ба таҳқиқи ҷанбаҳои муҳими таърихи муносибатҳои байналмилалӣ бахшида шуда, ба охири асри XX ва аввали асри XXI равона гардидааст. Ин масъала қаблан ба таври ҷудогона ва ҳамаҷониба таҳқиқ нашуда буд, бинобар ин интихоби чунин мавзуъ ҳамчун таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра асоснок мебошад. Дар шароити имрӯзаи рушди кишвар ва таваҷҷуҳи хос ба омӯзиши таърихи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият, омӯзиши таърихи муносибатҳои байналмилалӣ дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Муҳиммияти илмӣ ва амалӣ.** Мавзуи диссертатсия аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ мубрам ва муҳим аст. Нахуст, аҳаммияти илмии мавзуъ дар он аст, ки он холигии ҷойдоштаро дар таърихнигории ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият пурра менамояд. Таҳқиқоти мазкур ҳамчун аввалин омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи рушди муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз сарчашмаҳои

гуногуни таърихӣ раванди ҳамкориҳои ду кишвари дӯсту бародарро дар охири асри XX ва аввали асри XXI таҳлилу баррасӣ намояд. Аз ин рӯ, диссертант тавонистааст мавзуи тозаи таърихиро пешниҳод кунад ва доираи маълумоти илмиро дар бораи рушди муносибатҳои байналмилалии кишвар тавсеа бахшад.

Бо дарназардошти он ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият яке аз омилҳои асосии пешрафти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа мебошад, натиҷаҳои ин таҳқиқот аҳаммияти амалӣ низ доранд. Маълумоти таърихӣ оид ба муносибатҳои байналмилалии кишвар метавонанд барои мукаммалсозии сиёсат ва стратегияҳои рушд дар ҳамкориҳои ду давлати дӯсту ҳамсоя истифода шаванд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар тарбияи эҳсоси ифтихори миллии ҳамкориҳои ду мамлакат ва омӯзиши таърихи муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирад. Дар маҷмуъ, ҳам муҳиммияти назариявӣ ва ҳам арзиши амалии диссертатсия дар сатҳи баланд қарор дорад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи "Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо" ба банди 5-уми шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмиллалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мувофиқат мекунад.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Муаллиф дар бахши муқаддимавии диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқикро хеле муътақидона асоснок намудааст. Таъкид мегардад, ки дар таърихи нави Тоҷикистон, махсусан дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI, масъалаи ҳамкориҳои Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар замони истиқлолият на танҳо ҷузъи муҳими сиёсати рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, балки яке аз воситаҳои муҳими таҳкими дӯстию бародарӣ ва боло бурдани муносибати халқҳои ду кишвар ба ҳисоб меравад. Дар шароити афзудани раванди ҷаҳонишавӣ, болоравии суръати тағйирёбии шароит ва муҳити байналхалқӣ кишварҳои тозаистиқлол маҷбур мешаванд, ки пеш аз ҳама дар андешаи устувор ва таҳкими робитаҳои васеъ ва ҳамаҷониба бо ҳамсоягони худ дар минтақа ва тавсеаи ҳамгироӣ дар чаҳорчӯбаи ниҳодҳои минтақавӣ бошанд.

Дар миёни кишварҳои минтақа кишвари ҳамҷавори Ӯзбекистон, ки бо мо аз ҳама бештар марзи тӯлонӣ дорад, мақоми хоса касб кардааст ва ин тасодуфӣ нест. Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ пеш аз ҳама дар он муайян мегардад, ки муносибатҳои ду кишвар дар сатҳи баланди шарикии стратегӣ қарор гирифта, пайваста аз ҷониби мақомоти олии ҳарду кишвар эътироф ва эълом дошта мешаванд.

Бо вуҷуди ин, як қатор ҷанбаҳои муҳим - аз қабили ҳамкориҳои ду давлати ҳамсоя, дар замони афзудани рақобатҳои геополитикиву геоиқтисодии кишварҳои абарқудрат барои нуфуз дар Осиёи Марказӣ то имрӯз дар маркази таҳқиқоти амиқ қарор нагирифтаанд.

Дар матбуоти илмӣ ва даврӣ гарчанде маводҳои зиёде ба масъалаҳои дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон бахшида шудаанд, вале манзараи таърихии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият то ҳол пурра равшан нагардидааст.

Омӯзиши воқеъбинонаи таҷрибаи таърихии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият, таҳлили динамикаи он ва муайян кардани нақши он дар ташаккули сохтори иқтисодиву иҷтимоӣ дорои аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ мебошад. Хусусан дар давраи истиқлол, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дӯстию бародарӣ ва ҳамкориҳои гуногунсамт мақоми боло гирифт, зарурати таҳқиқи мавзуи мазкур боз ҳам тақвият ёфтааст.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Навгонии илмии рисолаи пешниҳодшуда дар он ифода меёбад, ки бори аввал масъалаи робитаҳои Тоҷикистон бо Ӯзбекистон дар охири асри XX ва даҳсолаҳои аввали асри XXI бо истифодаи доираи васеи манбаъҳои хаттӣ, маводи бойгонӣ, асноди расмӣ, матбуоти даврӣ ва адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасии мукаммали таърихӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо коркарди густурдаи сарчашмаҳо ва ҷалби маълумоти нави бойгонӣ тавонистааст раванди ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонро бо ҳамаи ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва амниятии он дар давраи истиқлолият бозсозӣ намояд.

Дар натиҷаи таҳқиқ як қатор навгониҳои илмӣ рӯшан гардиданд, аз ҷумла: омӯзиш ва таҳлили заминаҳои таърихию сиёсӣ ва иҷтимоии ҳамкориҳои Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, таҳлили шароити сиёсӣ ва иқтисодии муносибатҳои Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI, омӯзиш ва таҳқиқи ҳамкориҳои илмиву фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон, инчунин таҳлили афзалиятҳо ва мушаххассозии дурнамои ҳамкориҳои минбаъдаи Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон.

Саҳеҳии натиҷаҳо ба асоснокии илмӣ, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар рисола такя мекунад, ки онҳо бар пояи методологияи устувори таҳқиқоти таърихӣ, коркарди муфассали маълумоти оморӣ ва таҳлили муфассали рӯйдодҳо ҳосил шудаанд. Муаллиф дар таҳқиқ

равишҳои мукаммали илмӣ - таҳлили таърихӣ, муқоисавӣ-таҳлилӣ, мантиқӣ, системавӣ, истифодаи усулҳои таҷрибавӣ ва моделсозии таърихиро бо ҳам пайваста истифода намудааст. Ин равишҳо имкон доданд, ки хулосаҳои илмӣ бо далелҳои муътамад тасдиқ гарданд.

Аҳаммияти илмӣ ва амалӣ, иқтисодиву иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот дар он аст, ки онҳо метавонанд ҳамчун асос барои таҳияи барномаҳои давлатӣ ва минтақавӣ дар соҳаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя дар даврони истиқлолият хидмат кунанд. Натиҷаҳои рисола барои муҳаққиқони соҳаҳои таърих, иқтисод, идоракунии давлатӣ, инчунин барои сиёсатшиносон аҳаммияти амалии бузург доранд. Мавод ва хулосаҳои он метавонанд дар таҳияи дастурҳои таълимӣ барои муассисаҳои олии таълимӣ, дар омодасозии монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ оид ба таърихи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя ва ҷанбаҳои иҷтимоиву иқтисодии он мавриди истифода қарор гиранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз интихоби дурусти методология ва усулҳои пажуҳиш, истифодаи фаровони маълумоти аслӣ ва воқеъбинона, инчунин санҷиши бисёрқабатаи далелҳо шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз усулҳои гуногун бо мақсади таҳлил ва баррасии ҳамаҷонибаи мавзуъ истифода бурдааст. Ҳамзамон, истифодаи маводи бойгонӣ ва ҳуҷҷатҳои расмии даврони истиқлолият ба эътимоднокии хулосаҳо заминаи устувор фароҳам овардааст.

Саҳми шахсии довталаб дар анҷом додани ин таҳқиқ хеле назаррас аст. Унвонҷӯ Мамадқулова Рано Олимовна дар тадқиқоти анҷомдодашуда ҳиссаи шахсии намоён дорад. Пеш аз ҳама, интихоб ва таҳияи мавзуъ, инчунин муайянсозии ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот бо ташаббус ва пешниҳоди худи унвонҷӯ сурат гирифта, аз мустақилияти фикрии ӯ дарак медиҳад. Муаллиф шахсан ба ҷустуҷӯ ва омӯзиши маводҳои ВАО, монографияҳо, диссертатсияҳо, авторефератҳо ва маводҳои конференсияҳо машғул шудааст, ки ин аз заҳматкашӣ ва малакаи баланди таҳқиқотии ӯ гувоҳӣ медиҳад. Қобили зикр аст, ки аксарияти маълумоти тоза ва санадҳои вориднагардида ба гардиши илмӣ бори аввал аз ҷониби худи унвонҷӯ дастрас ва ворид гардидаанд. Истифодаи ин сарчашмаҳои нав ба муҳаққиқ имкон дод, ки хулосаҳои илман асоснок ва воқеъбинона барад. Ғайр аз ин, коркарди мустақилонаи мавод, таҳлили татбиқи натиҷаҳо ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ низ аз ҷониби довталаб ба таври шоиста анҷом ёфта, маҳсули фаъолияти шахсии илмиаш мебошад. Ҳамчунин, унвонҷӯ натиҷаҳои асосии кори худро дар ҳамоишҳои илмӣ ва маҷаллаҳои кишвар ба нашр расонидааст, ки ин нишонаи фаъолнокии илмии ӯст.

Натиҷаҳои таҳқиқ дар 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки муҳтавои асосӣ ва навгониҳои илмии рисола дар муҳити илмӣ мавриди баррасӣ ва эътироф қарор гирифтаанд.

Диссертатсия аз лиҳози сохтор ва мазмун мутобиқ ба талаботи меъёрӣ таҳия шудааст: аз муқаддима, се боби асосӣ бо зербобҳо, хулоса ва рӯйхати муфассали сарчашмаҳо иборат мебошад. Дар он ҳам заминаи назариявӣ ва ҳам таҳлили муфассали амалии масъала ҷой дода шудааст, ки сатҳи баланди касбии кори илмиро нишон медиҳад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи Мамадқулова Рано Олимовна дар ҳаҷми 181 саҳифа бо сохтори иборат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт таҳия гардидааст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи сарчашмавии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудаанд.

**Боби якуми рисола** *«Заминаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон»* ном дошта аз ду зербоб иборат буда, ба таҳлил ва таҳқиқи сатҳу самтҳои ҳамкориҳои ду халқи бо ҳам ҳамсоя ва дӯст дар даврони шуравӣ бахшида шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки таърихи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек басо тулонӣ буда, аз давраҳои қадим сарчашма мегирад ва марҳилаҳои басо сарнавиштсоз ва мураккабро аз сар гузаронида, то замони мо расидааст. Дар даврони шуравӣ, ки аз солҳои 20-ум то ба ибтидои солҳои 90-уми асри XX идома ёфтааст, муносибатҳои байни мардуми тоҷику ӯзбек мутобиқи руҳияи замон сурат гирифтаанд.

Дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ алоқаҳои иқтисодии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои аъзои Иттиҳод қатъ ёфт ва ҳодисаву рӯйдодҳои минбаъда боиси бухрони иқтисодиву молиявӣ дар қаламрави мамлакат гардиданд. Бухрони сиёсию иҷтимоӣ яке аз сабабҳои асосии зуҳури ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гашт. Ҳамин тавр, бо назардошти авомили зикршуда метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки робитаҳо ва ҳамкориҳои дӯстонаи халқҳои тоҷику ӯзбек бо оғози раванди дастёбӣ ба соҳибихтиёрии давлатӣ ва бунёди давлатҳои миллӣ аз имтиҳони ҷиддии таърих гузаштанд.

**Боби дуввуми рисола** *«Хусусият ва вижагиҳои робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар даҳсолаҳои аввали асри XXI»*

номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат буда, вазъияту вижагиҳои муносибатҳо ва паёмадҳои он, инчунин ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дар ибтидои асри XXI дар бар мегирад. Муаллиф фаъолияти муносибатҳои ду кишвари дӯстро дар даҳсолаи аввали асри XXI ва ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии халқҳои тоҷику ӯзбекро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар ин боб нақши калидии таърихи ҳамзистии осоиштаи халқҳои ду кишвари дӯсту бародар ҳамчун меҳвари асосии тамоми робитаҳо муфассал баррасӣ шудааст. Ҳамзамон, дар даврони истиқлолият ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии ду кишвари ҳамсоя коста нашуда, балки моҳият, мазмун ва миқёси нав пайдо карданд

**Боби сеюми рисола** *«Шароит ва дурнамои тавсеаи ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар қаринаи шарикии стратегӣ»* номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст. Дар ин боб масъалаҳои шароитҳо ва хусусиятҳои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар қаринаи шарикии стратегии ду кишвар ва афзалиятҳо ва дурнамои тавсеаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

Бояд қайд намуд, ки имрӯз ҳамкориҳои ду давлат натанҳо дар сатҳи дуҷониба, балки дар сатҳи бисёрҷониба, дар чаҳорчӯбаи ниҳодҳои ҳамгароӣ – ИДМ, СҲШ, СҲИ мазмуну мундариҷа ва миқёси нав пайдо кардаанд, ки дар миёни онҳо пеш аз ҳама масъалаи амният, тавсеаи ҳамгароӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, гуманитарӣ ба мақоми аввал баромадаанд.

Инчунин, ҳамкорӣ дар соҳаи амният ва ташкили муқовимати муштарак бар зидди таҳдидҳои имрӯзаи глобалӣ – терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ба мақоми аввал баромада, ҳамкории зич ва ҳамоҳанг сохтани фаъолият ва амали сохторҳои қудратӣ ва амниятии ду кишварро тақозо дорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсия дорои таҳлили амиқи таърихии раванди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият буда, робитаи он бо рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва тағйироти тарзи зиндагии аҳолӣ хуб инъикос ёфтааст. Истифодаи васеи сарчашмаҳои хаттӣ, оморӣ ва шифоҳӣ ба эътимоднокии хулосаҳо замина гузошта, корро дорои арзиши назарраси илмӣ ва амалӣ мегардонад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Мамадкулова Рано Олимовна пурра ба ихтисоси дархостшаванда – 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мутобиқат менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб оид ба диссертатсия.** Бо дарназардошти аҳамияти назаррас ва сатҳи баланди коркарди маводи

илмӣ, дар баробари ҷиҳатҳои мусбату дастовардҳои ин таҳқиқ, як қатор нуктаҳои такмилталаб ба назар мерасанд, ки зикри онҳо бо ҳадафи боз ҳам ғанӣ гардондани кори илмӣ ва тавсеаи арзиши назариявию амалӣ зарур менамояд.

1. Муаллиф дар иншои рисолаи диссертатсионӣ аслан ба ду адабиёти илмӣ бештар такя кардааст дар ҳоле, ки дар рӯйхати адабиёт маводи илмии бисёре нишон дода шудааст ва баъзе аз адабиёти иқтибосшуда дар рӯйхати адабиёт вуҷуд надоранд, пешниҳод карда мешавад, ки тибқи талабот ба тартиб дароварда шаванд.

2. Муаллиф ҳангоми кушодани паҳлуҳои гуногуни муносибатҳои ду давлат бештар ба ҷанбаҳои гуманитарӣ ва сиёсии масъала дахл намуда ба ҷанбаҳои техникӣ ва механизми пеш омадани монеаҳо дар робитаи байни ду давлат камтар аҳаммият додааст, хуб мешуд, ки ҳама паҳлуҳои равобити ин ду кишвар бо далелҳои раднопазир баррасӣ мегардиданд.

3. Муаллиф ҳангоми иншои рисолаи диссертатсионӣ калимаву, ибораҳои мушкилро истифода намуда, ба душворфаҳм гардонидани матни рисола роҳ додааст, хуб мешуд, ки сода ва равон иншо менамуд.

4. Муаллиф ҳангоми таҳлили робитаҳои байни ду давлат бештар ба робитаҳои дуҷониба диққат дода ба ҷанбаҳои берунаи он, аз ҷумла ба робитаҳои байниҳамдигарии давлатҳо дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ камтар аҳаммият додааст.

5. Муаллиф ҳангоми иншои рисолаи диссертатсионӣ ба такрорнависӣ роҳ дода, бо ин амал ҳаҷми рисолаи диссертатсиониро зиёд намудааст.

6. Дар бархе порчаҳои матн иштибоҳҳои ҷузъии имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки таъсири ҷиддӣ ба муҳтавои илмӣ намерасонанд, аммо ислоҳи онҳо ҳангоми омодасозии нашри монография зарур мебошад. Ин иқдом на танҳо симои илмии кори таҳқиқотиро такмил мебахшад, балки мутобиқати онро бо талаботи забонӣ ва услубии расмӣ таъмин месозад.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва осонислоҳ мебошанд ва арзиши илмӣ-назариявии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Баръакс, бартарафсозии онҳо метавонад ба густариши паҳлӯҳои таҳлилӣ ва ғанӣ гардидани натиҷаҳои бадастомада мусоидат намояд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) таҳия гардида, мазмуни асосии натиҷаҳои илмиро дақиқ ва пурра инъикос менамояд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи Мамадкулова Раъно Олимовна дар мавзуи *«Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри*

*XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо»* аз ҷиҳати мазмун, сохтор ва асоснокии мантиқӣ ба талаботи амалкунанда пурра ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат дошта, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти бандҳои 76–79 ва 81-и *Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ* (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267) таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои таърих, и.в. дотсенти кафедраи таърихи умумии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Ҷалилов М.Ш. омода гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи умумӣ (протоколи №1, аз «26» 08. 2025) муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 11 нафар.
Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 11 нафар, зид - нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои таърих, и.в. дотсенти кафедраи таърихи умумии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Баҳодурзода Б.Ф.

**Эксперт:**
номзади илмҳои таърих, и.в. дотсенти кафедраи таърихи умумии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Ҷалилов М.Ш.

Котиби илмии ҷаласа: Абдуллоев Ҷ.Ф.

Имзоҳои Баҳодурзода Б.Ф., Ҷалилов М.Ш. ва Абдуллоев Ҷ.Ф. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав», дотсент: Исозода Т.И.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав
Тел. 2-54-81 www. btsu.tj, E-mail: bgu-1978.@mail.ru

«26» «08» соли 2025